БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 17, (317),
5 сентябри соли 2018

►E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН




**Сокинони шарафманди вилояти Хатлон!**
**Ҳамватанони гиромӣ!**

Барои мо миллати кӯҳанбунёд мояи ифтихор аст, ки бо шарофати сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 9-уми сентябр дар фазои сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмиву якдилӣ ва Ваҳдати миллӣ аз 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарбаландиву сарфарозӣ истиқбол мегирем.

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу мамлакат ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт.

Аз ин рӯ, давлату ҳукумат, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар маҷмуъ кулли сокинони кишвар, ба хусус аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо дарки баланди масъулияти ватандорӣ ҳифзи Истиқлолияти давлатиро вазифаи муқаддас медонанд ва онро ҳамчун неъмати бебаҳо гиромӣ медоранд. Аз ин ҷост, ки мардуми меҳнатдӯсту бофарҳанг ва хушиқболи вилояти Хатлон ин иди муқаддаси миллиро бо дастовардҳои арзандаи меҳнатӣ сазовор ҷашн мегиранд.

Бигзор чароғи нурафшони Истиқлолият дар дилу дидаи ҳар як фарди Тоҷикистон абадан фурӯзон ва равшангари роҳи фардои нек бошад! Бигзор Истиқлолияти миллати тоҷик абадӣ бошад! Бигзор Истиқлолият марзи номус ва шарафу ифтихори ҳар фарди озодандешу озодихоҳи ин Ватан бошад!

Иди фархундаи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бод, ҳамватанони азиз!

**РАЁСАТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**



МАКТАБИ ОДАМИЯТ 2



НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АНДЕШАИ МИЛЛӢ 3



ҲУНАРМАНД ҲАР ҶО БУВАД САРФАРОЗ 4



ТАРРАНУМИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ЭҲЁИ ДУБОРАИ ОН ДАР МАҲАЛ 5

ТАБРИКОТИ ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТҶҶ “СОЗАНДАГОНИ ВАТАН” 8

# МАКТАБИ ОДАМИЯТ



***ФАТТОҲЗОДА САИДМУРОД САМАД,***
***доктори илмҳои фалсафа, Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон***

Бистуҳафт сол аз талошу мубориза ва иқдомҳои созандаву бунёдкорона сипарӣ мегардад. Бистуҳафт сол мукаддам Ватани азизу маҳбубамон Тоҷикистон ба неъмати бебаҳои Истиқлолият, ки асли соҳибихтиёрии давлат ва рамзи хушбахтиву саодати мардуми тоҷик аст, шарафёб шуд. Инак, бистуҳафт сол аст, ки дарахти тановари Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сарсабзу хуррам ва дар авҷи нашъунамост. Бояд ба як воқеияти таърихӣ эътироф кард, ки шаклгирӣ ва таҳкими истиқлолияти кишварамон бо фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртиботи ногусастанӣ дорад. Бешак, истиқлолияти давлатӣ роҳи таърихии давлати моро дар самти ҷомеаи демократӣ, эътирофи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян кард. Барои расидан ба ин рӯзҳои хушу босаодат дар оғози роҳи Истиқлолият кишвари моро ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд. Солҳои ниҳоят сангину фоҷиабор ба сари миллати тоҷик омад. Алангаи оташи хунумонсӯзи ҷанг домани сарсабзи кишвари ободи моро месӯхт, ки дар натиҷа даҳҳо ҳазор ҷавонмардон шаҳид гашта, ҳазорон хонаҳо валангор, садҳо оила бесарпаноҳ, кӯдакони зиёд ятиму бепадар ва ҳудуди як миллион нафар фирорӣ шуданд. Касе умед надошт, ки рӯзе дар Тоҷикистон ба ҷои садои тиру туфанг боз садои хандаи тифлони маъсум ба гӯш мерасад ва ҷароҳатҳои ҷонкоҳи пайкари ба хун оғуштаи Ватан боз ба ҳам меоянд. Ин ҳолати даҳшатборро шоири шаҳир Ашӯр Сафар дар авҷи хунрезиҳои ҷанги бародаркуш чунин ба риштаи тасвир кашида буд:

***Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?!***
***Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?!…***
***Бар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,***
***Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад?!***

Дар замоне, ки риштаи эътимоду боварӣ ва умед ба фардои нек бурида буд, ба бахти миллати мо фарзанди барӯманди тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ба саҳни сиёсат қадами устувор гузоштанд ва нахустин Паёме, ки ба мардум ироа гардид ин ҳарфҳои деринтизор буд: «Ман ба шумо сулҳ меорам». Ин паём калиди кушоиши ҳама уқдаҳои сарбаста ва мушкилоти ҷомеаи мо буд ва дар навбати худ маромномаи фаъолияти ҳамонвақтаи Эмомалӣ Раҳмонро ифода намуда, аз азми қавӣ ва ҷасорати фавқулода доштани роҳбари ҷавони давлати тоҷикон шаҳодат медод. Рисолати таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар он давра ин буд, ки миллати тоҷикро аз вартаи нобудӣ наҷот дода, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшид. Имзо шудани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ бузургтарин дастоварди даврони истиқлолият аст, ки баъдан дар тамоми арсаҳо барои татбиқу роҳандозии барномаҳои азим заминаи мусоид фароҳам оварданд. Дар ин маврид ҳақ бар ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтаанд: «Таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот эътироф гардид ва дар ҷараёни ҳалли масъалаи сулҳу оромӣ дар минтақаҳои даргири ҷаҳон истифода шуда истодааст».

Хусусан, дар ин давра, ба хотири таъмини Ваҳдати миллӣ заминаҳои хеле устувор гузошта шуданд. Дар ин замина баргардонидани ҳудуди як миллион гуреза ба Ватан, аз ҷанги гуруснагӣ раҳонидани мардум, барқарор кардани офатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, бунёди манзилгоҳҳои харобгашта, роҳҳо, иншооти маъмурӣ ва таъиноти маишӣ, мактабҳо, беморхонаҳо аз ҷумлаи умдатарин вазифаҳои давлат буданд, ки муваффақона анҷом дода шуданд. Ҳамгирой, якдилӣ, ҳамраъйӣ ва муттаҳиду аҳлона зистан усулан баёнгари сиёсати сулҳхоҳона ва сулҳпарваронаи Роҳбари давлат мебошад. Бо гузашти қариб се даҳсола мо амиқан дарк кардем, ки Ваҳдати миллӣ яке аз заминаҳои асосии ҳаёти осоиштаи мардуми тоҷик буда, бо ҷонфидоӣ ва азхудгузаштагии Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, ки имрӯз ҳифзи ин арзиши муқаддаси миллӣ вазифаи ҳар як тоҷики худогоҳу худшинос аст. Бо назардошти ин, сиёсатмадорони бузурги олам ва коршиносони низоъҳои байналмилалӣ Пешвои миллати моро ҳамчун «Меъмори сулҳ» эътироф кардаанд. Хусусан, дар ин давра таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бумбасти комуникатсионӣ ва ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, ки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва иртиботиву иқтисодӣ доштанд, дар сархатти барномаҳои ҳукуматӣ қарор гирифт, ки имрӯз самараҳои неки онро бо чашми худ мебинем. Ба таъбири дигар, Ваҳдати миллӣ, ки сарҷамъиву муттаҳидии миллати моро таъмин намуд, ба фазои орому амн, рушди бесобиқаи соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг ва дар ин росто ба бунёди иншоотҳои бузурги ҳаётан муҳим замина гузошт. Ормони ҳазорсолаи халқи тоҷик — Истиқлолият танҳо дар охири асри ХХ насиби мардуми мо гардид. Ин давлати тозаистиқлол зудани ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ ва махсусан бунёди нерӯгоҳи бузурги аср – Роғун ба сароҳат аз сиёсати дурбинона ва хирадмандонаи Пешвои миллат шаҳодат медиҳанд. Ба ибораи дигар, бунёди Роғун, ки воқеан барои кишвари мо ба кохи мухташами нур баробар аст, ба рушди босуръати иқтисодӣ ва ба маротиб беҳтар шудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон дарояндаи наздик нақши ҳалкунанда дорад. Дар меҳвари сиёсати Роҳбари давлат қарор гирифтани рушди соҳаи маориф ва афзалиятнок баршумурдани он, ки ба тавлиди тафаккури нави миллӣ, худогоҳу худшинос, ватандӯсту ватанпараст ва босаводу бомаърифат шудани насли ҷавон нигаронида шудааст, яке аз самтҳои бунёдӣ ва усулии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бунёди донишкадаву донишгоҳҳо, ифтитоҳи филиалҳои донишкадаву донишгоҳҳои мӯътабари ҷаҳонӣ дар кишвар, муассисаҳои таълимии муосир гувоҳи барҷастаи он аст, ки Пешвои миллат ба рушди фикрӣ ва ташаккули зеҳнии насли ҷавонуояндасози Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат — одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мир Сайидалии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ… ва дар ин замина гиромидошту тақдири арбобони адабиву сиёсӣ - Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур бо унвони олии давлатӣ, яъне Қаҳрамони Тоҷикистон шаҳодати




ва мустақилу соҳибихтиёр бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифт, чилои тоза пайдо кард, ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Бо ин мақсад, бо ҷасорату шуҷоати фавқулода ба ҳадафҳои олии миллӣ ва барномарезиҳои дақику созанда тарҳрезӣ шуда, низоми мукаммали давлатдорӣ ба вуҷуд омад. Фаъолияти созанда ва корсозиҳои ҳадафмандонаи Пешвои муаззами миллат дар самти таъсиси Артиши миллӣ, роҳандозии пули миллӣ ва қабулу муаррифии муқаддасоти миллӣ гувоҳи равшани он аст, ки бо талошҳои пайваста ҷиҳати таҳкими аркони кишвардорӣ мақоми сазовори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт. Пояҳои давлатдорӣ, хусусан ҷанбаҳои бунёдӣ ва арзишии он дар мактаби сиёсӣ ва давлатдории миллии Роҳбари давлат бо шаклу мазмуни наву муосир такмил ёфта, Тоҷикистон ҳамчун давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд роҳи минбаъдаи худро пайдо кард. Тарҳрезии дурусти барномаҳои азими иқтисодӣ, хусусан, бунёди корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди пахта, ришта, матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ, истеҳсоли семент, ангишт, нуриҳои маъданӣ, тилло, нуқра, сурма, инчунин рушди саноати сабук, ислоҳот ва таҷдиди соҳаи кишоварзӣ аз ҷумлаи он тадбирҳои муҳиме буданд, ки барои тақвияту иқтидори иқтисодии кишварамон такони ҷиддӣ бахшиданд. Илова бар ин, татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти миллӣ дар самти энергетика барои расидан ба яке аз ҳадафҳои олии давлат – истиқлоли энергетикӣ заминаи мустаҳкам фароҳам оварданд. Бунёди низоми ягонаи энергетикӣ, таҷдиди чархаҳои нерӯгоҳҳои Норак, Сангтӯда ва Қайроқум ҷиҳати аф-

вориси ҳақиқӣ ва аз табори бузургон будани Эмомалӣ Раҳмонро собит менамояд. Ин амали неку писандидаи ӯ барои ба вуҷуд омадани эҳсоси гарми ватандӯстию ватанпарастӣ ва таҳкими худогоҳиву худшиносӣ, бедории фитрӣ ва шинохтани таърихи ғании пурифтихори халқи тоҷик мусоидат намуданд. Пас доштани гузаштаи пурифтихор, сабақ гирифтан аз таърихи ғанӣ, эҳтиром гузоштан ба мероси фикрию маънавӣ ва идома додани ин рисолати шарифи инсонӣ ба таҳкими истиқлоли давлатӣ, сиёсӣ, фикрӣ ва маънавӣ ва дар роҳи сохтани давлатсозӣ давлатдории навини миллии тоҷикон аҳамияти ниҳоят калон дорад, ки онро метавон сохтори мактаби сиёсии Президенти мамлакат номид. Таҷлили бузургтарин ҷашнҳои аҷдодӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргону Сада дар сатҳи баланди давлатӣ ва мақоми давлатӣ гирифтани «Шашмақом»-у «Фалак» меросдори тамаддуни бостонӣ, фарҳанги миллӣ ва ҳомии оини суннатҳои мардумӣ будани Роҳбари давлатро нишон медиҳад. Хусусан, ба яке аз ҷашнҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтани ҷашни Наврӯз, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дошта, ба рушди суннатҳои фарҳанги миллӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва бедории миллии мардуми тоҷик мусоидат намуд, далели ин гуфтаҳост. Танҳо қабули қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси қонунгузории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт, баробарвазн бо як инқилоби фикрӣ ва маънавӣ мебошад. Шикасти таассубу хурофоте, ки

*(Давомаш дар саҳ.3)*

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АНДЕШАИ МИЛЛӢ

***Истиқлолият – ин шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати бардавоми ҳар як фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волост.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***



**Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон**

Чун сухан дар бораи нақши аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ меравад, пеш аз ҳама бояд қайд намоем, ки воқеан, ҲХДТ худ ҳизби зодаи даврони Истиқлолият мебошад. Ин ҳизб бо ташаббус ва бар пояи ғояҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 1994 таъсис ёфт.

Таъсис ёфтани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба марҳилае рост омад, ки миллати ҷафокашидаи тоҷик дар гирдоби нобасомониҳо ва фитнаву иғвои ҳангомаҷӯёну бадхоҳони миллат қарор дошт. Истиқлолият дар хатар ва ҷомеа дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт. Маҳз дар чунин марҳилае, ки ҷомеа ба бухрони амиқи идеологӣ



дучор гардида буд, ташкили нерӯи сиёсие барои ислоҳи чунин вазъ лозим омад. Ин нерӯи сиёсӣ бо номи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба майдони сиёсат омад ва тавонист бухронҳои идеологӣ ва сиёсиро аз байн бурда, ҷомеаро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ раҳнамо гардад. Яъне Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои созанда ва зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нерӯи солими сиёсӣ табдил ёфта, ҷомеаро муттаҳид кард ва ба ояндаи дурахшон умед бахшид.

ҲХДТ ба халқ такя кард ва бо роҳандозии барномаҳои мукаммал тавонист нерӯи тавонои халқро ба самти ободии Ватан сафарбар намояд. Дуруст аст, ки аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ ҲХДТ тарғиби ғояҳои сулҳу ваҳдати миллӣ ва таъмини суботу оромиро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад. Зеро барои халқи Тоҷикистон дар он рӯзҳои вазнин аз ин арзишҳо дида чизе муҳимтар набуд ва имрӯз низ бо назардошти фазои мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти худро гум накардаанд. Ҳатто пойдории минбаъдаи Истиқлолияти давлатӣ, мавҷудияти миллат ва якпорчагии кишвар низ аз ин арзишҳо вобастагии амиқ доштанду доранд. Ҳизби мо ин арзишҳоро то имрӯз тарғиб карда истодааст. Беҳуда нест, ки шиори ҲХДТ барои солҳои 2015- 2020 “Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушду устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум! ” эълон гардидааст. Зеро масъалаи Ваҳдати миллӣ ва суботу оромӣ дар ҳар давру замон аз масъалаҳои умда ва омили таҳкими Истиқлолияти давлатӣ боқӣ мемонанд, бахусус дар шароити имрӯзаи басо мураккаби геополитикӣ.

Дар ин замина муваффақияти ҲХДТ аз он иборат аст, ки тавонист дар ҳама манотиқи кишвар халқро атрофи ғояҳои созандагиву бунёдкорӣ муттаҳид созад. Дар маҷмӯъ, дар ин давра сохторҳои ҲХДТ, аз он ҷумла дар вилояти Хатлон дар се самти муҳим фаъолият карда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд. Самти якум, тавре дар боло қайд гардид, ин ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар аз роҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ буд. ҲХДТ бо такя ба хиради азалии миллати тоҷик дар ин марҳилаи маргу зиндагӣ комёб гашт, ки ин муваффақияти беназир аст. Айни замон бо назардошти авзои ноороми сиёсии ҷаҳон ва хуруҷи гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ сохторҳои ҳизбии вилоят сатҳи огоҳии ҷомеаро дар баробари ин хатарҳо баланд бардошта, шиддати таъсири ақидаҳои ифротиро миёни ҷомеа ба тадриҷ аз байн бурда истодаанд. Муваффақияти мо дар ин самт аз он иборат аст, ки бо ташкили аксияву чорабиниҳо, истифодаи васеъ аз васоити ахбори омма, вохӯрии мустақим бо сокинон ва дигар тадбирҳо тавонистем аз ифротӣ шудани ҷомеа ва дубора ба гирдоби нобасомониҳои солҳои навадум афтодани Тоҷикистон пешгирӣ намоем. Самти дуюм, ин ташаккули афкори ҷомеа дар роҳи шинохти моҳияти давлатдории миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин росто бо тарғиби таърихи кӯҳан, қадршиносӣ аз шахсиятҳои бузурги миллат, эҳёи суннатҳои аҷдодӣ ва бедор гаштани ҳисси худшиносии миллӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем. Вобаста ба ин бо роҳандозии барномаҳои фарогири сиёсати дохиливу хориҷӣ ва якҷоя бо мардум пурра ва босифат иҷро намудани нақшаҳои худ тавонистем ба боввариву эътимоди халқ сазовор гардем, ки ин орзуи тамоми ҳизбҳои сиёсист. Самти сеюм, ин сафарбар намудани нерӯи бузурги халқи меҳнатқарини тоҷик ба ободонии Ватан ва ташаккул додани тафаккуру завқи баланди созандагӣ ба ҳисоб меравад. Рушди рӯзафзуни Тоҷикистони

(Давомаш дар саҳ.7)

---

(Идома аз саҳ.2)

садсолаҳо дар зеҳни мардуми кишвари мо таҳшин шуда буд, ниҳоят кори сангину душвор буд, ба воситаи ин қонун қолабшиканӣ шуда, мардумро ба сӯи ояндаи дурахшон ва саодату рифоҳи инсонӣ ҳидоят кард, ки бешубҳа яке аз дастовардҳои умдаи даврони истиқлолият ва аз тасмимҳои писандидатарини Пешвои миллати мо маҳсуб мешавад. Бунёди давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд барои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ ва татбиқи гуногунфикрии сиёсӣ дар ҷомеа заминаҳои мусоид эҷод кард. Хусусан, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки дар раванди сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол як падидаи наве буд. Ҳизб, бешубҳа ҳамчун мактаби низоми сиёсӣ дар ташаккули сиёсии шахс таъсири созанда дорад. Ҳоло ҳизби мо худуди ниммиллион аъзо дорад ва нақши он дар тамоми арсаҳои ҳаёти ҷомеаи мадании Тоҷикистон ба хубӣ эҳсос мегардад. Дар маҳдудаи ин мақола оид ба мактаби одамияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намудани чанд нуктаро низ муҳим мешуморам. Ӯ воқеан дар баробари яке аз сиёсатмадорони шинохташудаи сатҳи байналмилалӣ ҳамчун инсон ниҳоят дилсӯзу меҳрубон ва раҳмдилу фурӯтан мебошанд. Ҷавонмардиву дарёдилӣ аз хосиятҳои фитрии Пешвои мост. Маҳз ба ҳамин хотир андешаву суханон, амалҳои неку созандаи Роҳбари давлат дар дилу дидаи мардум роҳ ёфта, дар ҷомеа ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, ки воқеан рисолати инсонии ӯст, эътироф шудааст.

Гузашта аз ин, Пешвои миллат дар сатҳи сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалию минтақавӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки аз зовияи диди инсонпарварона бо назардошти манфиати халқу миллатҳои дигар низ тасмим бигиранд. Дар амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ, ба хусус тарҳҳое, ки ба истифодаи мунсифонаи об иртибот дошта, дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз масоили доғ маҳсуб мешавад, манфиатҳои кишварҳои ҳамҷавор ҳамеша ба назар гирифта мешавад. Ҳамин хислатҳои беназири Пешвои миллати мо боиси он гардид, ки масоили баҳсталаби минтақа бо роҳи мусолиҳатомез ҳалли худро ёбанд ва имрӯз натиҷаи ҳамин сиёсати хирадмандона аст, ки ҷумҳурии мо бо кишварҳои ҳамсоя муносибатҳои мутақобилан судманд баркарор намудааст. Ҳисси хайрхоҳӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои бунёдии миллатҳои дигар имрӯз боиси он гардидааст, ки номи Сарвари давлати мо дар дигар кишварҳои минтақа низ бо эҳтиром ва муҳаббати хоса ёд мешавад. Дар нахустин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чанде қабл ба Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон сурат гирифт, Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳангоми супоридани яке аз орденҳои арзишманди кишвараш «Эҳтироми сарзамини аҷдодӣ» («Эл юрт ҳурматӣ») хизматҳои арзишманди Роҳбари давлати тоҷиконро таъкид намуда, махсус зикр кард, ки маҳз пуртоқативу дурандешии Эмомалӣ Раҳмон заминаи устуворе барои дар сатҳи нав роҳандозӣ намудани муносибатҳои ин ду кишвари ҳамсояв ва дӯст, баркарор гардидани муносибатҳои таърихии ин ду миллати бародар фароҳам овард.

Ба қавли маъруф, Президенти мо — Эмомалӣ Раҳмон аз миёни мардум баромадааст. Ман дар ин хусус, чанд сол пеш дар мақолаи «Президенти мардумӣ» изҳори назар намуда будам. Танҳо инҷо ба нуктае ишора хоҳам кард, ки ин шахсияти бузург дар баробари роҳбари оқилу дурандеш ва ботаҷрибаву солор будан, инчунин одилу адолатпеша низ ҳастанд. Инро ман, ки солҳои зиёд ба ҳайси Ёвари Президент, Мудири Котиботи Президент, Мушовири давлатии Президент оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, дар айни ҳол Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кор карда истодаам, шинохтаам ва худро аз шогирдони содиқи мактаби бузурги сиёсӣ, давлатдорӣ ва одамияти Эмомалӣ Раҳмон медонам.

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ҲУНАРМАНД ҲАМ САТҲИ ЗИНДАГИИ ХУДРО БАЛАНД МЕГАРДОНАД ВА ҲАМ БА МАРДУМ МАНФИАТ МЕРАСОНАД



Дар асоси ҷадвали баргузории чорабиниҳои ҳизбӣ барои нимсолаи дуюми соли 2018 кормандони масъули Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Сулаймонова Лола ва Нуруллоев Саъдулло бо сокинони маҳаллаи Москваи ҷамоати шаҳраки Гулистони ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва Соли тақвияти робита бо маҳал вохӯрӣ гузарониданд.

Нахуст, Нуруллоев Саъдулло атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» суханронӣ намуд.

Сипас Сулаймонова Лола оид ба озмунҳои ҳизбӣ таҳти унвонҳои «Тарроҳи беҳтарин», «Маликаи Хатлон», «Армуғони хатлонӣ» ва «Беҳтарин доиркунандаи чорабиниҳои сатҳи маҳал» андешаронӣ намуда, занону бонувони ҳунармандро барои иштирок дар озмунҳои ҳизбӣ даъват кард.

Дар ин раванд масъулин моҳияти Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!»-ро ба мардум расонида, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани он раҳнамой карданд.

*н.Ҷ.БАЛХӢ*

## ТАБИБОН БО ДАСТУ ДИЛИ ПОК БА БЕМОРОН ДАРМОН МЕБАХШАНД



Ҳафтаи гузашта дар ташкилоти ибтидоии “Беморхонаи марказӣ” бо кормандони соҳаи тибб вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон иштирок ва андешаронӣ намуданд.

Зимнан масъулин иштирокдоронро бо моҳияти Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” шинос карда, изҳор доштанд, ки Аксияи мазкур барои беҳбудии зиндагии мардум ва ободии Ватан равона карда шудааст.

Инчунин, дар суҳбат қайд карда шуд, ки дар ҳақиқат табибон дар ҷомеа нақши муҳиму созгор доранд, ва бо дастони муъҷизаофару шифодиҳандаашон ба беморон дармон мебахшанд.

Дар идомаи вохӯрӣ масъулин оид ба иҷроиши нақшаи обуна ба нашрияҳои ҳизбии “Минбари халқ” ва “Ҳамрози халқ” ибрози андеша намуда, аз онҳо барои иҷрои саривақтии нақшаи обуна даъват ба амал оварданд.

*н.БАЛҶУВОН*

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ҲХДТ БА МАНФИАТИ МАРДУМ АСТ!



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Шуғли аҳолии вилоят» тибқи ҷадвали баргузории хониши сиёсӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар он намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар дар ҳайати раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Начидуллоев Тавакал ва мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуот Ализода Одил иштирок намуданд.

Нахуст Начидуллоев Тавакал ба сухан баромада, оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ суханронӣ намуда, оид ба фаъол гардонидани шаҳрвандон ва ҷалби бештари онҳо ба соҳибкорӣ, хоҷагидорию кишоварзӣ ва корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ ба хотири паст кардани шиддати бекорӣ ва фаро гирифтани сокинон бо шуғл суханронӣ намуда, қайд кард, ки аз Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи соҳаи сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмиллалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад. Инчунин, бо мақсади ҳавасманд гардонидани аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона аз пардохти ҳама намуди андоз озод карда шавад.

Ҳамаи ин тадбирҳои дурандешонаи Пешвои миллат ба таъмини зиндагии шоистаи мардум равона шудааст.

*ш.БОХТАР*

## ОБОДКОРИЮ СОЗАНДАГӢ ҚАРЗИ ШАҲРВАНДИИ МОСТ!



Тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара дар деҳаи Остонаи ҷамоати деҳоти Лолазор хониши сиёсӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Каримов Пирмаҳмад иштирок намуда, оид ба корҳои созандагиву ободкорӣ дар маҳалҳо ҷиҳати сазовор таҷлил намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Аксияи тарғиботӣ- амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!”, пешгирии шомилшавии ҷавонон аз ҳизбу ҳаракатҳои ифротию террористӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, омодагии хоҷагиҳо ба тирамоҳу зимистони пешомад суханронӣ намуда, ҳамзамон иброз дошт, ки сарсабзу хуррам нигоҳ доштан ва ободу зебо гардонидани ҳар як гӯшаи Тоҷикистони азиз қарзи шаҳрвандӣ ва нишонаи олии пайравӣ аз Пешвои муаззами миллат аст.

*н.ДАНҒАРА*



## СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БАҲРИ САЙҚАЛ ДОДАНИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ШАРОИТИ ХУБ ФАРОҲАМ ОВАРД

Бо мақсади ҷалби мардум ба чорабиниҳои фарҳангӣ, тарғиби ҳунарҳои мардумӣ, таваҷҷуҳи ҷавонону наврасон ба ҳунарҳои миллии ниёгон ва саҳм гузоштан дар пешрафти зиндагии осоишта дар деҳаи Восеободи хурди ҷамоати деҳоти ба номи Абдӣ Авазови ноҳияи Восеъ бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ бо сокинони деҳа чорабинии фарҳангӣ-сиёсӣ баргузор гардид.

Муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Шаҳноза Раҷабова дар баромади худ ба ҷамъомадагон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ маълумоти муфассал дода, қайд намуд, ки маҳз имрӯз, бо эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, халқи шарифи тоҷик имконияти беназир пайдо кардааст, ки нозукиҳои ҳунарҳои мардумиро фаромӯш накарда, аз нав онҳоро эҳё кунад. Истеъдодҳои ҷавононро, ки ба омӯзиш ва истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ камари ҳиммат мебанданд, ҷиҳати сайқал додани касбу ҳунар ва малакаашон дастгирӣ намоянд.

Зимнан мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Ситамова Роҳила зикр намуд, ки иқдоми Роҳбари давлат, хусусан барои занону модарони мо шароити мусоид фароҳам овардааст, ки барои хубтар кардани сатҳу сифати зиндагиашон кӯшиш ба харҷ дода, бо васила аз нав эҳё кардани ҳунарҳои мардумии аҷдодии худ номи неки гузаштагонамонро низ дар саҳифаҳои таърихи миллат нақшбандӣ намоянд.

*н.ВОСЕЪ*

## РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИММИ БО ШУҒЛ ФАРО ГИРИФТАНИ АҲОЛӢ МЕБОШАД



Тибқи ҷадвали баргузории суҳбату вохӯрӣ дар деҳаю маҳаллаҳо бо ташаббуси мудири шуъбаи кор бо занони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Нуралиева Мадина дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «А.Холиқов»-и ҷамоати шаҳраки Вахш чорабинӣ атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ доир карда шуд.

Саравval Нуралиева Мадина дар назди ҳозирин ба сухан баромада, изҳор дошт, ки ба хотири боло бурдани сатҳу сифати зиндагии сокинон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Дар воқеъ сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар охир масъулин аз намоиши ҳунарҳои бонувони чирадасти маҳаллаи мазкур, ки ба маъразаи тамошо гузошта буданд, дидан намуда, барои ривоҷу равнақ додани соҳаи басо муҳим маслиҳатҳои муфид доданд.

*н.ВАХШ*

## ОЗМУНИ ҲИЗБИИ “АРМУҒОНИ ХАТЛОНӢ” ДАР МАҲАЛ РОҲАНДОЗӢ ГАРДИД



Дар деҳаи Найсони ҷамоати деҳоти Чиликӯл бо иштироки кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ озмуни ҳизбӣ таҳти унвони «Армуғони Хатлонӣ» бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ташкил ва баргузор гардид.

Дар чорабинии мазкур фаъолзанону духтарони деҳот намоиши ҳунарҳои миллии худро, аз қабили дарздӯзӣ, куроқбофӣ, кашидадӯзӣ инчунин олотҳои қадимаи рӯзгори худро ба маъразаи намоиш гузоштанд. Аз тарафи масъулин бо иштирокчиён оид ба озмуни ҳизбии «Армуғони хатлонӣ» суҳбат ороста шуда, иштирокчиён водор гардиданд, ки пешниҳоди ҳама гуна ҳунарҳои шоистае, ки аз тарафи сокинон ҳамчун армуғон пешкаш мегардад, аз тарафи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ баҳогузорӣ гардида, барои ишғоли ҷойи беҳтарин ба Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон пешниҳод гардонида мешавад. Ин таъаббус сокинони маҳалро дилгарм сохта онҳоро бори дигар дар ин соли таърихи водор сохт, ки беҳтарин ҳунарҳои армуғонии худро пешкаши ҳайати масъулин гардонанд.

*н.ДӮСТӢ*

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии деҳаи Гулистони ҷамоати деҳоти «Гулистон»-и шаҳри Левакант чорабинии намоиши ҳунарҳои мардумӣ дар асоси нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант баргузор гардид.



## ҲУНАРМАНД ҲАР ҶО БУВАД САРФАРОЗ

Дар чорабинии мазкур, кормандони масъули Кумита, аъзо ва ҷонибдорони фаъоли ҲХДТ, шахсони обрӯманд, ҳунармандон, сокинони деҳаи мазкур иштироки фаъолона доштанд.

Яке аз ҳунармандони деҳа Тошева Раъно мебошад, ки солиёни дароз ба навхонадорон сару либоси арусӣ, аз қабили чодар, сарандоз, курпаю курпача, таксарӣ ва дасторхони куроқӣ дӯхта, зиндагии хешро пеш бурда, ҳамзамон шогирдони зиёдеро вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ яъне куроқдӯзӣ омӯзонида истодааст.

Дар рафти чорабинӣ иштирокчиён ҳунарҳои мардумии худро ба маъразаи тамошо гузошта, аз баргузории чунин як чорабинӣ изҳори миннатдорӣ ва арзи сипос карданд. Дар охир иштирокчиён бо рақсу сурудҳои дилнишинашон табъи ҳозиринро болида намуданд.

*ш.ЛЕВАКАНТ*

## ҲХДТ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ МАФКУРАИ СОЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН АСТ



Тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Ниҳолпарвар” хониши сиёсӣ баргузор карда шуд.

Дар он мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён Абдуллоев Ваҳобиддин оид ба мафҳуми “экстремизм” ва “терроризм”, сабабу омилҳо ва воситаҳои дигаре, ки одамонро ба ҷараёни худ мепайванданд, таҳлили комили таснифоти терроризм, мубориза бар зидди он ва пешгирии шомилшавии ҷавонон баромад намуд.

Дар вохӯрӣ қайд карда шуд, ки бо барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва фанои ҷанги сард низоми нави ҷаҳонӣ ташаккул ёфта, тақсимоти нави ҷаҳон ба миён омада, дар арсаи байналмилалӣ муносибатҳои давлатҳои абарқудрат оид ба тақсимоти ҷаҳон хело тезу тунд гардиданд.

Бо истифода аз ин барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро ҳама гуна усулҳо, аз ҷумла усулҳои экстремистиву террористӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Ин гуна гурӯҳҳо даст ба амалҳои ғайриқонунӣ зада, тавассути зӯрӣ ҳал намудани масъалаҳоро ихтиёр намудаанд. Дар гӯшаю канори гуногуни олам қариб кишваре ва ё минтақаеро дарёфт намудан мумкин нест, ки аз амалҳои террористӣ ва оқибатҳои ҳузновари он дар канор монда бошанд. Махсусан дар даҳсолаи охир терроризм дар шаклҳои бадтарин зуҳур карда, бештар даҳшатнок гардидааст. Дар ин замина аз ҷониби масъулин қайд гардид, ки ҲХДТ дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон нақши калидӣ дошта, муҳофизи арзишҳои миллӣ ва мафкураи солим дар ҷомеа аст.

*н.ҚУБОДИЁН*

## ТАБИБОН БА ХОИНОНИ МИЛЛАТ НАФРАТ ДОРАНД!

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Беморхонаи дил” бо аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ вобаста ба маҳкумсозии амалҳои террористии ТТЭ ҲНИ вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимни мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Валиева Саъбагул ва роҳбари ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Беморхонаи дил” Пӯлодов Равшан иштирок ва суханронӣ намуданд.

Валиева Саъбагул гуфт, ки воқеъият, адолат ва ҳақиқат ба ҳама маълум шуд. Тавассути Аёмиддин Сатторов, маъруф ба Мулло Аёмиддин ва Мавлавӣ Аёмиддин, яке аз асосгузорони ҳизби феълан дар Тоҷикистон мамнӯъи наҳзати ислом (ҲНИ) дар видеои нимсоатае, ки бо номи “Бозгашт аз ҷаҳаннам” намоиш дода шуд, хиёнаткориҳои роҳбарият ва фаъолони наҳзатиёнро фош сохт.





Мавсуф дар идомаи суҳбат гуфт, ки Тоҷикистон ҳизби наҳзатиро бидуни шарту шароит фаъолияташро ҳамчун ташкилоти террористӣ манъ кард ва бори дигар аз гуфтаҳои Аёмиддин Сатторов айён гардид, ки наҳзатиён ва роҳбарияти он кадом мақсадҳо доштанд ва кадом амалҳои тираву шумро анҷом доданд.

Дар навбати худ иштирокдорон низ баромад намуда, гуфтанд, ки имрӯз мо мардуми тоҷик ҳақиқатро эҳсос карда, шаддидан амалҳои ифтротии ТТЭ ҲНИ-ро маҳкум месозем ва намегузорем, ки душманони давлату миллат амалҳои ғаразноки худро дар Ватани мо роҳандозӣ кунанд.

*ш.КӮЛОБ*

## ҲУНАР ИНСОНРО БА МАҚСАД МЕРАСОНАД



Дар деҳаи Ғофилободи ҷамоати деҳоти ба номи Н.Назарови ноҳияи Муъминобод тибқи ҷадвали баргузории мулоқот бо сокинони деҳа бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мулоқот баргузор гардид.

Дар он мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Рамазон Ҳайдаров ва дигар шахсони даъватӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар мулоқот самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», тарғиби либоси миллӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, ба дарки ҷомеа расонидани озмунҳои ҳизбӣ ва татбиқи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» баррасӣ карда шуданд. Дар охир бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар деҳа намоиши ҳунарҳои дастии сокинони деҳа, чакандӯзӣ, гулдӯзӣ, қуроқдӯзӣ, попурӣ, заргарӣ, табақтарошӣ ва дигар намуди ҳунарҳои мардумӣ ба намоиш гузошта шуданд.

*н.МУЪМИНОБОД*

## СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БА МАРДУМИ ТОҶИК ФОЛИ НЕК АСТ

Бо мақсади сазовор ҷамъбаст намудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва ба хотири тақвият додани робита бо маҳал масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор иқдоми нек пеша намуда, дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Давлатобод» чорабинии фарҳангӣ-сиёсӣ доир намуданд.



Дар ин чорабинӣ сокинони деҳаи Давлатободи ҷамоати деҳоти Гулшан намоиши ҳунарҳои мардумӣ, хӯрокҳои миллӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар ҳунару маҳсулотҳои худро ба маърази тамошо гузоштанд.

Ҳамчунин, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия Раҳмонов Далер дар назди ҳозирин баромад намуда, атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суханронӣ кард.

Дар рафти чорабинӣ мутрибону санъаткорон барномаи консертӣ барпо намуда, табъи сокинони деҳаро болида карданд.

*н.ФАРХОР*

## ҲАДАФИ МО РАСИДАН БА ЗИНДАГИИ ШОИСТА МЕБОШАД!



Дар доираи ҷадвали баргузории вохӯриву мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳои ноҳияи Хуросон бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон Саидзода Раҳмон Азим дар ташкилоти ибтидоии ҶСК «Хуросонсохтмон» вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хониши сиёсӣ баргузор гардид.

Зимнан Саидзода Раҳмон дар баробари тарғиби самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин ҳадафҳои барномавии ҳизб, нисбати сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастовардҳои бузурги Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, қайд дошт, ки истиқлолият ба мардуми тоҷик озодиву соҳибихтиёриро фароҳам намуд. Маҳз ҳамон талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯзҳо мо ба шароити хуби зиндагӣ расида, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар фазои сулҳу оромӣ кору фаъолият намуда истодаем. Аз ин рӯ ҳар як фарди бедордилу худогоҳро зарур аст, ҷавобан ба ғамхориҳои пурарзиши Пешвои миллат софдилона ба халқу давлат баҳри боз ҳам ободтару зеботар гардидани Ватани соҳибистиқлоламон саҳмгузор бошад.

*н.ХУРОСОН*

## ТАРРАНУМИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ЭҲЁИ ДУБОРАИ ОН ДАР МАҲАЛ

Бо мақсади таъмини иҷрои нақша-чорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар маҳаллаи Камоли Хуҷандӣ чорабинии таблиғотии ҳизбӣ вобаста ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо иштироки мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Фарҳод Обидзода бо сокинони маҳаллаи болозикр доир гардид.



Дар чорабинии мазкур тамоми ҳунарҳои мардумии дастранҷи мардуми маҳалла ба намоиш гузошта шуда буд. Кӯдакони деҳа аз шодии ин чорабинӣ гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ омада, бо ҳамдигар шеъру сурудҳо мехонданду мерақсиданд, ки воқеъан ҳам ҷолиби диққат менамуд.

Дар рафти чорабинӣ мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Фарҳод Обидзода вобаста ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ муфассал суханронӣ намуд.

Дар фарҷоми чорабинии мазкур занони ҳунарманд ваъда доданд, ки соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумиро самаранок истифода бурда, дар ин сол кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки маҳсулотҳои дастранҷи истеҳсолкардаашонро нисбат ба солҳои қаблӣ бештар намуда, ҳунарҳои мардумиро эҳё хоҳанд кард.

*н.ҶАЙҲУН*

## ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ НИШОНАИ ФАРҲАНГУ АСОЛАТИ МИЛЛӢ МЕБОШАНД



Мо фарҳангу асолати ҳазорсола дорем, ки маҳз тавассути фарзандони ҳунарманди хеш эҳё кардаем.

Бо ин мақсад дар деҳаи Тағойободи ҷамоати деҳоти Обшорон аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия дар доираи ҷадвали баргузории суҳбату вохӯриҳо дар нимсолаи дуюми соли равон, дар доираи Аксияи ҳизбӣ ва эълон гардидани Соли тақвияти робита бо маҳал чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

Занону бонувони ҳунарманду чирадасти деҳаи мазкур аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати эълони Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз нав эҳё намудани ҳунарҳои қадима хушнуду сарфароз буда, бо як ҳавасмандӣ ҳунарҳои хешро тақвият дода истодаанд. Ҳамчунин дар чорабинӣ занону бонувон ҳунарҳои дастии хешро ба маърази тамошо гузошта, аз ҷониби намояндагон ба хушнудӣ пазируфта шуданд.

*н.ЁВОН*

## СОЛИМИИ МИЛЛАТ-БОЙИГАРИИ ДАВЛАТ АСТ

Кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар ташкилоти ибтидоии “Беморхонаи сил” бо кормандони соҳаи тандурустӣ хониши сиёсӣ доир намуданд.



Зимнан хониши сиёсиро мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ Қурбонова Малоҳат кушода, оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ ба шумор меравад, андешаронӣ намуда, ҷамъомадагонро бо иди касбиашон табрику муборакбод гуфт.

Дар идомаи хониши сиёсӣ масъулин атрофи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, татбиқи Аксияҳои тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” ва “Мактаб-даргоҳи маърифат”, ки ба оғози соли нави хониш роҳандозӣ карда шудааст, баррасӣ намуда, фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ-ро барои амалигардонии Аксияҳои ҳизбӣ даъват намуданд.

*н.Ш.ШОҲИН*

ДАР РОСТОИ СОЛИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ҲУНАР ШОҲРОҲЕСТ, КИ ТАМАДДУНҲОРО МЕПАЙВАНДАД



Бо мақсади иҷрои ҷадвали баргузории соатҳои сиёсӣ ва вохӯрию мулоқот дар деҳаю маҳаллаҳои ноҳия, инчунин вусъат бахшидани робита бо маҳал дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ дар деҳаи Танобчии мобайни ҷамоати деҳоти Танобчии ноҳияи Темурмалик вохӯрии нақшавии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик бо сокинон баргузор гардид.

Зимни баргузории хониши сиёсӣ ва баргузории намоиши ҳунарҳои мардумӣ, инчунин дастовардҳои кишоварзон раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик Раҷабзода Маҳмадсаид оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин дар масъалаи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ суханронӣ кард.

Доир ба суханронии Раҷабзода Маҳмадсаид сокинони деҳа Баёнова Меҳринисо ва Қурбонов Тоҳир вобаста ба хониши сиёсӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, инчунин дастовардҳои кишоварзон андешаҳои худро баён карданд. Дар идома иштирокдорон дастовардҳои ҳунарии худро ба маърази тамошо гузоштанд.

Дар ҷараёни хониши сиёсӣ Раҷабзода Маҳмадсаид ҳозиринро даъват намуд, ки ҳунарҳои мардумиро боз ҳам ривоҷу равнақ диҳанд.

*н.ТЕМУРМАЛИК*

## ТАҲКИМИ РАВАНДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Гадой Сайдалиев, Моҳира Одинаева, Саидҷалол Ҷалилов ва Шарифзода Сафаралӣ дар якҷоягӣ бо омӯзгорону фаъолон ва аъзои фаъоли намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» дар деҳаи Пушкини ҷамоати деҳоти Қаҳрамони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вохӯрӣ гузарониданд.

Зимни баргузории вохӯрӣ масъулин дар назди ҷамъомадагон дар бораи соли 2018 эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», тарғиби нақши урфу одат ва анъанаҳои неки мардумӣ дар байни сокинон бо мақсади тарбияи ахлоқию маънавии ҷомеа суханронӣ карданд.

Ҳамчунин дар чорабинии мазкур мудири шуъбаи рушди иҷтимоии дастгоҳи раиси ноҳия Илёсиддин Набиев иштирок ва суханронӣ намуд.

Кормандони масъули



Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб аз намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ дидан карда, ба ҳунару маҳорати ҳунармандони касбӣ баҳои баланд доданд.

*н.ҲАМАДОНӢ*

## ОРОМИВУ ОСУДАГИИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ДАР ДАСТИ ХУДИ МОСТ!



Дар хониши сиёсие, аз тарафи кормандони масъули ҳизб дар ҷамоати деҳоти Ховалинг оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ гузаронида шуд, ба ҳозирин хеле писанд омад.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Сафар Халилов дар баромадаш атрофи дастуру супоришҳои аз Паёми навбатии Пешвои миллат бароянда, роҳҳои мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, истифодаи сарфакорона аз қувваи барқ ва пардохти маблағи истифодаи он, роҳ надодан ба гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, истифодаи мақсаднок аз технологияи муосир ва сомонаҳои интернетӣ, роҳҳои пешгирӣ аз бемориҳои хавфноки сироятӣ-ВИЧ/СПИД, дар замири ҷавонон тарбия намудани ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ, ба онҳо фаҳмонидани моҳияти хизмат ба Ватан, риояи қонунҳои миллӣ сухан ронда, аъзои ташкилоти ибтидоиро ба иҷрои самтҳои муайянгардида роҳнамун сохт.

Дар хониши сиёсӣ чанде аз иштирокдорон Юсуфов С, Набиев Р, Ҳасанов М, П.Ҳусайнов ва дигарон баромад намуда, терроризму экстремизм, мубориза ба онро вазифаи аввалиндараҷаи худ ва сокинони кишвар ҳисобида, қайд намуданд, ки тинҷии давлату миллат дар дасти худи мост. Агар мо хушёриро аз даст надиҳем, ва ба кормандони қудратӣ ҳамкорӣ намоем, онҳоро аз фаъолияти шахсони шубҳанок огоҳ намоем, метавонем амалҳои террористии тарҳрезишударо пешгирӣ намоем.

Сафар Халилов барои ибрози чунин як пешниҳоди муфид, ки аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ибтидо мегирад, ташаккур баён намуда, ба аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ дар мубориза ба ин вабои аср барору комёбиҳо таманно намуд.

*н.ХОВАЛИНГ*

## СОКИНОНИ МАҲАЛ ИШТИРОКЧИЁНИ ФАЪОЛИ ОЗМУНҲОИ ҲИЗБӢ



Бо мақсади иҷрои ҷадвали баргузории вохӯрию мулоқот дар корхона, муассиса, ташкилот ва деҳаю маҳалаҳои ноҳияи Шаҳритуз дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ дар деҳаи Карл-Маркси ҷамоати деҳоти ба номи Худойназар Холматови ноҳия бо иштироки мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритуз Абдуллоева Шоира чорабинӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Зимнан Абдуллоева Шоира дар назди сокинон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, дар бораи моҳияти озмунҳои ҳизбӣ таҳти унвонҳои "Тарроҳи беҳтарин", "Беҳтарин муаррификунандаи мавзеъҳои сайёҳӣ", "Армуғони хатлонӣ", "Маликаи Хатлон", ки мардуми ноҳияи Шаҳритуз ба касбу ҳунарҳои мардумӣ ва корҳои хонагӣ шуғл доранд, андешаронӣ карда, онҳоро барои иштирок дар озмунҳои ҳизбӣ даъват намуд.

*н.ШАҲРИТУЗ*



## РОҲАНДОЗИИ ЧОРАБИНИҲОИ ҲИЗБӢ БА РУШДИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ОБОДИИ МАҲАЛИ ЗИСТ МУСОИДАТ НАМУД

Мутобиқи нақшаи мувофиқашуда оид ба баргузории вохӯриву мулоқотҳо дар корхонаву муассисаҳо, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳо оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-ҳизби созандаю бунёдкор ин навбат ҷиҳати боз ҳам густариш додани иртибот бо мардум ва ҷалби васеъи ҷавонон барои амалӣ намудани ҳадаф ва мақсадҳои созандаи ҲХДТ дар маҳаллаи Навободи ҷамоати деҳоти Фирӯзаи ноҳияи Носири Хусрав бо иштироки васеъи сокинон мулоқот баргузор гардид.

Мулоқотро раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Алиева Сураё ифтитоҳ намуда, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, моҳияти озмуни ҳизбӣ ва Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!"-ро ба мардум фаҳмонид.

Масъулин қайд доштанд, ки дар заминаи умедвориҳои Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва дар ин робита ба рушди корҳои хонагӣ, косибӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, баланд бардоштани фарҳанги миллӣ, ҳифзи суннату анъанаҳои неки ниёгон, роҳӣ ёфтан аз бегонапарастӣ, омӯзиши таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқро ба роҳ монда, ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунарро ривоҷ медиҳем, инчунин ҳалли масъалаҳои бекориро дарёфт менамоем.

Сокинони маҳалла иқдом гирифтанд, ки дар партави Аксияи номбурда атрофи маҳалли зисташон ва ҷӯйҳои дохили деҳаро тоза намуда, дар таъмиру азнавсозии бинои муассисаи таълимии № 16 саҳми худро мегузоранд.

Аз ҷониби сокинон ҳунарҳои мардумӣ ва намоиши хӯрокҳои миллӣ, гилембофию, зардӯзӣ ва намоиши маҳсулоти кишоварзиро ба маърази намоиш гузошта шуд.

*н.Н.ХУСРАВ*

## ВОЛИДОН ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД МАСЪУЛАНД



Тибқи ҷадвали баргузории вохӯриву мулоқотҳо, ки дар маҷлиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Норак тасдиқ шудааст, дар ташкилоти ибтидоии «Бӯстон»-и кӯчаи Ҷамолиддин Каримзодаи шаҳри Норак вохӯрӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, дастуру супоришҳо аз Паёми навбатӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ меҳанпарастӣ ва гирифтани касбу ҳунарҳо, эҳтиром ва иҷрои қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак аз тарафи муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр ва мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия андешаронӣ карда шуд.

Баъдан, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр Кумриниссо Гулмуродзода оид ба Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз хатари терроризму экстремизм ва роҳҳои пешгирӣ аз он баромад намуда, иброз дошт, ки ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст дар таълиму тарбияи фарзандон масъулияти ҷиддӣ зоҳир намояд ва аз болои онҳо назорати махсус барад.

*ш.НОРАК*

## ДАҲСОЛАИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028» БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАРИ МО ВА ОБОДИИ САЙЁРА НИГАРОНИДА ШУДААСТ



Тибқи дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҷиҳати боз ҳам густариш бахшидани иртибот бо мардум ва ҷалби васеъи сокинон дар амалӣ намудани ҳадафу мақсад ва кору пайкори созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Панҷ чорабинии сатҳи баланди сиёсӣ таҳти унвони «Даҳсолаи амал барои рушди устувор -даҳсолаи иқдомҳои наҷиб» баргузор гардид.

Чорабинии сиёсӣ дар маркази ноҳия баргузор гардида, дар он фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои ноҳия ва сокинони шаҳрак иштирок намуданд.

Файзиев Каримҷон раиси Кумитаи иҷроия зимни баромад оид ба ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» андешаронӣ намуд.

Татбиқи Даҳсолаи байналмилалӣ амал «Об барои рушди устувор», ки бо чорумин иқдоми созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шуд, аз тарафи ҳамаи кишварҳои аъзои СММ дастгирӣ ёфта, расман оғоз гардидааст.

Ҷиҳати роҳандозӣ намудани Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя хал мекунем!» тӯи суннатии 6 нафар дустрӯякон баргузор гардида, аз тарафи Кумитаи иҷроияи ноҳия ба онҳо тухфаҳо такдим карда шуданд. Ҳамчунин, ба ду оилаи ҷавон шаҳодатномаҳои акди никоҳ ва ба 4 оилаи маъюби тобеъи шаҳрак кӯмакҳои моливӣ расонида шуд.

Барои хотирмон гузаронидани чорабинӣ мардуми ҳунарманди ноҳия маҳсули заҳмати худро, ки ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бахшида шуда буд, ба маърази тамошо гузошта буданд. Маҳсули ҳунарҳои мардумӣ аз намудҳои гуногуни гулдӯзию сӯзанӣ, қуроқдӯзию деворӣ, муҳраббофию ҷӯроббофӣ, гаҳвораю асбобҳои дуғкашӣ, асбобҳои мусиқӣ, асбобҳои оҳангарӣ, аз қабили досту каланду корд ва анвоҳои гуногуни хӯрокҳои миллии хоси тоҷикона иборат буданд.

*н.ПАНҶ*

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ЭҲЁИ АНДЕШАИ МИЛЛӢ

*(Идома аз саҳ.3)*

соҳибистиқлол, аз он ҷумла Хатлон гувоҳи муваффақият дар ин самт аст. Дар ин миён аз самтҳои соҳавӣ низ метавон ном бурд, ки дастовардҳои ҲХДТ дар ин ҷода беназиранд ва тафсилоти он шоистаи барномаи ҷудогона мебошад.

Дар маҷмуъ, ҳар се омил ба суботи сиёсӣ, рушди андешаи миллӣ ва созандагиву ободонии Ватан мусоидат намуда, ба таҳкими Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои устувор гузоштанд.

Дар воқеъ, "Истиқлолият ин хонаи обод, сари баланд, зиндагии осоишта ва рӯзгори осудаҳолонаи ҳар фарди соҳибдавлату соҳибватан аст". Ин суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сохторҳои ҲХДТ, аз он ҷумла ҳизбиёни вилояти Хатлон бо масъулияти баланд қабул намуда, ҳамвора дар роҳи пешбурди сиёсати давлат ва таҳкими дастовардҳои Истиқлолият саҳм гузошта истодаанд. Бо ин мақсад, сохторҳои ҳизбии вилояти Хатлон пайваста дар миёни ҷомеа, махсусан, дар деҳаву маҳаллаҳо вохӯрӣ ва чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ ташкил карда, мардумро ба амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ, ки пеш аз ҳама ба таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ равона гардидааст, сафарбар намуда истодаанд.

Воқеан, бояд ёдовар шуд, ки он ҳама масъалаҳое, ки имрӯз дар фаъолияти ҳизбиёни вилояти Хатлон ба сифати самти асосии корӣ қабул шудаанд, ҳамагӣ ба таҳкими Истиқлолияти давлатӣ равона гардидаанд.

Саҳми мо дар роҳи таҳкими дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ ин пеш аз ҳама ватандӯстӣ, ҳимояи шаъну шарафи давлат, фаъолнокӣ дар корҳои ҷамъиятӣ, тарбияи дурусти фарзандон, асолатмандӣ, дурӣ аз тақлиду бегонапарастӣ, анҷом додани амалҳои бунёдкорона ва амсоли инҳо мебошад. Айни замон, ки аз 27-солагии Истиқлолияти давлатӣ истиқбол мегирем, бо назардошти таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дар ҳифзи он бештар кӯшиш намоем. Зеро мутаассифона, то ҳануз ҳастанд гурӯҳҳое, ки тоби дидани ваҳдату суботи миллати тоҷикро надоранд ва дастовардҳои бузурги солҳои соҳибистиқлолиамонро ба ҳар роҳу восита мехоҳанд хурд нишон диҳанд.

Ба ин хотир, дар шароити муосири геополитикӣ муҳимтарин иқдоми мо дар роҳи ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ин мубориза бо унсурҳое чун терроризму экстремизм ва тафриқаандозиву бегонапарастӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ аз "шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав - терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархӯрди манофеи абаркудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани буҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам" изҳори нигаронӣ намуда буданд. Дар ин самт моро зарур аст, бо ёдоварӣ аз таҷрибаҳои талхи давлати Сомониён, ки маҳз бо хиёнати рӯҳониёни асолатбохтаи бегонапараст дарвозаҳои Бухоро ба рӯи душман боз шуд ва мардумро аз мубориза дар роҳи ҳифзи Ватан манъ карда буданд, миллати тоҷик ҳазор сол аз истиқлолияти сиёсӣ ва давлатдории миллӣ маҳрум монд. Дар давраи навини соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ бо дахолати чунин рӯҳониёни асолатбохтаи ватанфурӯш, ки принсипи "дин аз давлат ҷудо"-ро вайрон карда, мехостанд бо пуштибонӣ аз хоҷаҳои хориҷиашон сари қудрат биёянд, наздик буд дубора истиқлолиятамонро аз даст бидиҳем. Тавре мушоҳида мешавад, душманони истиқлолияти Тоҷикистон ҳанӯз ҳам аз ин шеваи санҷидашуда умедвор буда, кӯшиш доранд аҳли ҷомеа, хусусан ҷавонони моро мағзшӯӣ кунанд. Нишонаҳои онро мо дар кӯшишҳои сиёсикунонии дин аз тариқи сиёсикунонии ришу ҳиҷоб миёни ҷавонон ҳамчун нишонаи ҳаводорияшон аз ҷараёнҳои бегона дида истодаем. Албатта чунин ҷавонони бетаҷрибаи фиребхӯрда дар шароити феълӣ оқибатҳои даҳшатбори рафтори худро то охир дарк карда наметавонанд. Ин мардону занон, ки бештарашон дар айни камолоти ҷавониянд, тахти таъсири таблиғоти рӯҳониёни бегонапараст қарор гирифта, воқеоти даҳшатбори дар давлатҳои исломӣ тахти айнан ҳамин шиорхо рӯйдодаро дида наметавонанд.

Маҳз дар чунин шароит вазифаи мо ҳизбиён ва фаъолони ҷомеа аз он иборат аст, ки ба ин гурӯҳи фиребхӯрда роҳи дурусти зиндагии шоистаро нишон диҳем ва асолати ватандӯстиро дар вуҷудашон бедор созем. Дар ин шароити пурташаннуҷи ҷомеаи ҷаҳонӣ вақти он аст, ки тамоми табақаҳои ҷомеа садоқати баланди худро ба миллату давлат собит созанд ва бо ҷилавгирӣ аз зоҳирпарастиву бегонаманишӣ ояндаи ободу осудаи фарзандони худро таъмин намоянд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем дилпурона худро аз доми тазвири идеологияи бегона наҷот бахшида, пояҳои Истиқлолияти давлатиро тақвият бахшем.

Ҷойи зикри хос аст, ки дар меҳвари арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ Ваҳдати миллӣ меистад, ки онро метавон бузургтарин дастоварди даврони Истиқлолият номид. Тамоми сокинони кишвар ин аъзои як оилаи бузурганд ва Ваҳдати миллӣ дар муттаҳидии ҳамаи узвҳои ҷомеа ба вуҷуд меояд. Роҳи расидан ба Ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик бисёр як роҳи пурпечу тоб ва сангини оғози соҳибистиқлолӣ буд.

Як даҳсола ба он сарф шуд, ки миллати тоҷик ба Ваҳдати комил бирасад ва маҳз хиради азалии ин миллат буд, ки тавонист ба рағми ҳама он нотавонбинон дар атрофи Пешвои муаззами худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳам омада, Истиқлолияти давлатиро наҷот бахшанд. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун наҷотбахши Истиқлолияти давлатӣ, яъне наҷотбахши миллат шинохта шудааст.

Истиқлолият дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушдро ба вуҷуд оварда, дар назди мо иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу мамлакат ва эҷоди арконии давлатдории муосирро пеш гузошт. Хушбахтона тахти сиёсати дурандешонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи тоҷик аз ӯҳдаи ин вазифаи пурмасъулият, ки дар пасманзари маргу зиндагӣ ба вуҷуд омада буд, сарбаландона баромад. Дар марҳилаи навбатӣ вазифаи аҳли ҷомеа, хусусан, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ аз он иборат аст, ки:

-Манфиатҳои миллиро аз ҳама боло гузошта, ҳисси ифтихор аз давлати соҳибистиқлолро бештар намоянд;

-Сиёсати сулҳҷӯёнаву башардӯстонаи давлату ҳукуматро тарғиб карда, дар зеҳни ҳар як сокини кишвар ҳисси инсондӯстӣ ва донистани аҳамият ва қадру манзалати Сулҳу Ваҳдатро тарбия намоянд;

-Ҷомеаро аз хатарҳои муосири геополитикӣ аз роҳи таҳлили вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои муносибатҳои байналмилалӣ, бархурди манфиатҳои давлатҳои абаркудрат ва пайдоиши нишонаҳои марҳилаи навини "ҷанги сард" пурра огоҳ созанд;

-Амалишавии ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалиро тарғиб карда, минбаъд низ дар амалисозии ҳадафҳои олии дар ин самт пешбинишуда ҷаҳду талош намоянд;

-Кӯшишҳои давлату ҳукуматро дар мавриди даст ёфтан ба ҳадафҳои стратегӣ ба мардум шарҳ диҳанд;

-Дар ташкили шароити мусоид барои таълиму тарбияи фарзандон дар хона ва баланд бардоштани маърифати хонаводагӣ дар муомила муносибат ва рафтору гуфтор саҳмгузор бошанд;

-Ҳисси ифтихор аз ҷашну оинҳои миллиро ташаккул диҳанд ва ғайра.

Биёед барои ободии ин Ватану сарсабзии ин сарзамин софдилона хизмат намоем,

Биёед барои ояндаи дурахшони миллат ба фарҳангу суннатҳои аждодиамон арҷ гузорем,

Биёед барои рушди кишвари озоду соҳибистиқлоламон нерӯи созандаи худро сафарбар созем.

# ТАБРИКОТИ

## ШӮРОИ МАРКАЗИИ ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ ҶАВОНОН "СОЗАНДАГОНИ ВАТАН" БАХШИДА БА 27-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




*Ҷавонони сарбаланди Тоҷикистони соҳибистиқлол!*

Имрӯз мо ҷашни муқаддаси миллӣ – 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фазои орому осуда ва ваҳдати комили миллӣ истиқбол гирифта истодаем, ки ба ин муносибат дар тамоми гӯшаву канори ватанамон тахти сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои ободониву бунёдкорӣ бо маром ҷараён доранд.

Истиқлолият барои мо ҷавонон рӯҳияи озоди ватанпарастӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва имкони бузурге дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ мебошад.

Хушбахт аз онем, ки пайваста Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, ба хотири рушди маънавию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёти ҷомеа, хусусан ҷавонон соли 2018-ро Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуданд, ки ин падида худ бозгӯи истиқлолияти комили давлатист. Зеро танҳо Пешвоёни воқеан миллӣ метавонанд ба хотири рушди ояндаи ҷомеа, бахусус насли ояндасози худ чунин тасмим бигиранд ва танҳо кишвари озоду соҳибистиқлол метавонад ин имкониятро барои рушди кишвар фароҳам созад.

Солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан соли 2018 барои мо ҷавонон соли имкониятҳои муваффақиятҳо дар роҳи рушди зеҳниву ҳунаромӯзӣ ва созандагиву бунёдкорӣ гардид, ки дар мо руҳияи озодихоҳиву истиқлолхоҳиро тақвият бахшид.

Ҷавобан ба ин таваҷҷуҳу дастгириҳо мо ҷавонон саҳми худро дар роҳи пойдор нигоҳ доштани Истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама дар таҳкими дастовардҳои он, дӯст доштани Ватан, ҳимояи марзу бум, эҳтиром ба фарҳангу арзишҳои олии милливу давлатдорӣ ва ҳиссагузорӣ дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ медонем.

Имрӯз вобаста ба талаботу таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ мо ҷавононро зарур аст зиракиву хушёрии сиёсиро аз даст надиҳем. Ғаразҳои гуруҳҳои манфиатҷӯ, ки мехоҳанд нерӯи созандаи ҷавононро ба муқобили манфиатҳои давлату миллат истифода баранд, ба дурустӣ дарк мекунем ва бо ҳисси баланди масъулияти ватандорӣ намегузорем, ки волотарин ва муқаддастарин арзишҳои миллатамон газанд бинанд.

Мо ҷавонон – Созандагони Ватан ҳамчун пайравони воқеии роҳи хидоятнамудаи Пешвои миллат хастии худро барои таҳким ва рушди Истиқлолияти давлатӣ бахшида, саҳми худро дар шукуфоиву пешрафти ватани азизамон–Тоҷикистони соҳибистиқлол мегузорем.

Бо ин нияту таманниёт ҳамаи Шумо ҷавонони саодатманди кишварро ба санаи муқаддасу муборакӣ 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику шодбош гуфта, бароятон дар роҳи ҳифзи Истиқлолият ва таҳкиму ҳифзи дастовардҳои он муваффақият ва барои Тоҷикистони азиз Истиқлолияти абадӣ ва сулҳу салоҳи сартосариро таманно менамоем!

***Ҷашни Истиқлолияти давлатӣ муборак ҷавонони саодатманди кишвар – Созандагони имрӯзу фардои Ватан***

## МАҶЛИСИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРГУЗОР ГАРДИД



Дар маркази вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар бо иштироки аъзои Раёсат, Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, мудирони шуъбаҳо ва кормандони сохторҳои ҳизбӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят маҷлиси Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон баргузор гардид.

Дар кори маҷлис оид ба вазъи молиявии сохторҳои ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар марҳилаи имрӯза ва роҳҳои афзоиш додани он, рафти иҷроиши обуна ба нашрияҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Ҳамрози халқ" ва дигар масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Нахуст маҷлисро Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Абдулло Раҳмонзода кушода, аз рӯи масъалаи якум ба мудири шуъбаи молиявӣ ва хоҷагидорӣ-сармуҳосиби Кумитаи иҷроия ҲХДТ дар вилояти Хатлон Саидаъзам Шомуродзода сухан дод.

Аз рӯи масъалаи дигар муовини раис- роҳбари Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Неъматуло Иброҳимзода маърӯза намуда, вазъи иҷроиши нақшаи обуна ба нашрияҳои ҳизбиро шарҳ дод.

Дар идомаи кори маҷлис Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзада Абдулло Қурбоналӣ раванди кори сохторҳои ҳизбиро таҳлил намуда, масъулонро вазифадор намуд, ки корро дар самти риояи интизоми дохилиҳизбӣ, амалӣ намудани механизми таблиғотӣ ва аксияву озмунҳои ҳизбӣ тақвият бахшида, камбудиҳои ҷойдоштаро саривақт бартараф намоянд.

Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, барои иҷро ба Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол карда шуданд.

## ИТТИҲОДУ САРҶАМЪӢ РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ КОМИЛ ВА ПИРӮЗИИ МИЛЛАТ АСТ!



Дар асоси нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён дар деҳаҳои Ваҳдат, ба номи С.Муродов, Н.Қарабоев ва Ш.Шоҳтемури ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кушониён намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ бо мардум вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, аз қабили аз байн бурдани таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ бо ҳадафи солим нигоҳ доштани маънавиёти ҷомеа, фаъол гардонидани аҳолӣ дар самти пешгирӣ аз бегонапарастию майл ба фарҳангӣ бегона бо мақсади ҳифзи ҳувияту асолати миллӣ, ташаккули фарҳанги техникӣ ба хотири истифодаи дуруст аз технологияи муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади пешгирӣ аз хатарҳои марбут ба истифодаи нодурусти он, муайян кардани вазифаҳои шаҳрвандон дар самти мубориза бар зидди коррупсия бо роҳи ташаккули мафкураи зиддикорупсионӣ, фаъол гардонидани аҳолӣ дар самти мубориза ба нашъамандиву нашъаҷалобӣ ҳамчун зуҳуроти хатарзо ба амнияти миллӣ ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон аз тарафи масъулин суханронӣ карда шуд.

Зимнан масъулин оид ба масъалаҳои номбурда андешаронӣ карда, афзуданд, ки Тоҷикистон дар ҳама давру замон дар осоишу оромиш ва бо ҳамсояҳо дар ҳусни ҳамҷаворecho неку мусолиматомез зиндагӣ карда, ҳамеша аз сулҳу субот ва оромиву осоиш пуштибонӣ намудааст, ки ин асл яке аз маромномаҳои асосии сиёсати хирандмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ҳамчунин масъулин қайд доштанд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз мардуми огоҳу бедордил, адибону зиёиён, фаъолону собиқадорон ва пирони рӯзгордида даъвт ба амал меорад, ки ҳама гуна амалҳои иғвогароёнаро маҳкум намуда, дар атрофи Пешвои муаззами миллат муттаҳид бошанд, зеро иттиҳод рамзи ягонагӣ ва пирӯзии миллат аст.

***н.КУШОНИЁН***

## СОКИНОНИ МАҲАЛ ДАР АКСИЯИ ҲИЗБИИ «ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!» ФАЪОЛОНА ИШТИРОК НАМУДА ИСТОДААНД!



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва бо дастгирии фаъолону ҷонибдорони ҳизб, раиси маҳаллаи Чорбоғи ҷамоати деҳоти Иттифоқи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Музаффар Латипов бахшида ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади амалигардонии Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" роҳи мошингарде, ки деҳаи мазкурро бо маркази ноҳия мепайвандад ва дарозии беш аз 3 километрро дар бар мегирад, пурра таъмир намуда истодааст.

Дар назди иштирокдорон мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Ашӯров Сунатулло оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, Соли тақвияти робита бо маҳал, эълон гардидани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инчунин атрофи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» суханронӣ намуда, барои амалӣ намудани Асияи ҳизбӣ аз онҳо даъват ба амал овард.

***н.А.ҶОМӢ***

## ТАЪЗИЯ

***Аъзои Раёсат ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва дар маҷмуъ кулли аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар вилоят ба Муовини якуми Раиси ҲХДТ Фаттоҳзода Сайидмурод Самад нисбати даргузашти МОДАРАШОН ҳамдардӣ баён намуда, ба эшон ва наздикону пайвандонашон сабри ҷамил хоҳонанд.***




## ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

► Дар Эфиопия чархболи ҳарбӣ бо сабабҳои номаълум ба фалокат дučор гардид, ки дар натиҷа 17 нафар, аз ҷумла ду зану ду кӯдак ба ҳалокат расид;

► Дар вилояти Нанганҳори Ҷумҳурии исломии Афғонистон як роҳбари гурӯҳи террористӣ бо панҷ нафар ҳаммаслакаш дар пайи як амалиёти нерӯҳои давлатӣ нобуд карда шуд;

► Дар музофоти Киркуки Ироқ террористон мошини ҳомили маводи таркандаро дар яке аз дидбонгоҳҳо инфиҷор доданд, ки дар пайи ҳодиса ду корманди мақомот ҳалок шуда, даҳҳо нафари дигар захмӣ гардиданд;

► Мавсими боришот дар ду музофоти бузурги Ҷумҳурии халқии Хитой обхезиро ба вуҷуд овард, ки дар пайи ҳодиса 18 нафар ба ҳалокат расида, дар маҷмуъ 6,5 млн нафар зарар дида, инчунин, сокинонро хатари гирифтор шудан ба бемориҳои сироятӣ таҳдид мекунад;

► Сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Миср зимни гузаронидани амалиёти махсус дар музофоти Синои Шимолӣ 20 силоҳбадастро нобуд карданд;

► Дар шаҳри Алқоими Ҷумҳурии Ироқ бар асари як амали террористӣ 21 нафар кормандони мақомоти қудратӣ ба ҳалокат расида, 16 нафари дигар ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд;

► Бар асари боришоту обхезӣ дар Нигерия 36 нафар сокинон ба ҳалокат расида, беш аз 130 ҳазор нафари дигар зарар диданд;

► Дар музофоти Пегуи Мянма садди обанбор хароб гардид, ки дар пайи ҳодиса 20 минтақаи аҳолинишин зери об монда, 3 нафар бенишон ва даҳҳо ҳазор нафар сокинон тарки манзил карданд;

► Дар бешазори шаҳри Хашури Гурҷистон сӯхтор ба амал омад, ки алангаи оташ 5 гектар заминро фаро гирифта, ба минтақаҳои аҳолинишин таҳдид мекунад;

► Сохторҳои қудратии Коста-рика зимни амалиёти махсус аз 5 нафар қочоқчиён ба миқдори 1 тоннаву 100 кг какаин ёфт ва мусодира намуданд;

► Дар як меҳмонхонаи баландошёнаи шаҳри Харбини Ҷумҳурии халқии Хитой сӯхтор ба амал омад, ки дар пайи ҳодиса 18 нафар ҳалок шуда, чанд нафари дигар захмӣ гардиданд;

► Дар шаҳри Кирали Ҳиндустон бар асари обхезӣ 400 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо нафари дигар бенишон шуданд;

► Шумораи ҳалокшудагон дар пайи заминларзаҳои пайдарпай дар шаҳри Ламбоки Индонезия ба 855 нафар расида, 1500 нафари дигар ҷароҳат бардошта, даҳҳо каси дигар бенишон гардиданд;

► Дар Ливия террористон ба нуқтаи гузаргоҳи назоратӣ ҳамла карда, 7 корманди сохторҳои қудратиро ба ҳалокат расониданд.

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

**Муассис:**
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

**Масъули чоп:**
**Орзу ҲАМИДИЁН**

**Ҳайати мушовара:**
**Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА, Махфират ХИДИРЗОДА, Абдулло РАҲМОНЗОДА**

**Ҳайати таҳририя:**
Зебо БОЗОРОВА, Аловуддин АМИРЗОДА, Ҳусейн САИДОВ

***Тарроҳ:***
***Хусрав МАЗОРИЕВ***

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавкеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти №627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

**Суроға:**
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70



Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», ***теъдод: 11400 нусха***